**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-037-и назди**
**МДТ-и «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои филологӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 27.11.2024, № 22*

# БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ СУЛТОНЗОДА ГУЛБАҲОР АБДУВАЙИТ, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 10.01.00 – АДАБИЁТШИНОСӢ (10.01.08. – НАЗАРИЯИ АДАБИЁТ. МАТНШИНОСӢ, НУСХАШИНОСӢ)

Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) 12-уми августи соли 2024, суратҷаласаи № 19 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Султонзода Гулбаҳор Абдувайит 2-юми июли соли 1990-ум дар ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд, Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012-ум факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷандро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик, бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2012 то соли 2021 дар МТМУ №2 ноҳияи Шаҳристон ба ҳайси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолият бурдааст. Аз моҳи сентябри соли 2021 то моҳи феврали соли 2022 ба вазифаи мудири шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеаи Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд кор кардааст. Аз моҳи феврали соли 2022 то ҳол ба вазифаи мудири бахши кор бо занон ва духтарони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият дорад. Аз моҳи сентябри соли 2023 омӯзгори муштараквазифаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони тоҷикии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус мебошад.

Султонзода Гулбаҳор бо роҳбарии номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Саидов Саидумрон Ғаниҷонович рисолаи номзадиро соли 2017-ум оғоз намуда, мавзуи таҳқиқоти ӯ дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз 30-юми сентябри соли 2021-ум, таҳти №2 бо номи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Муқарризони расмӣ: Юсуфов Умриддин Абдукофиевич** – доктори илмҳои филология, мудири шуъбаи таърихи забон ва адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **Охунҷонова Нурихон Раҳматовна** – номзади илмҳои филология, дотсент, мудири нашриёти “Дабир” ва маҷаллаи илмии “Ахбори ДДҲБСТ”-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсия ва автореферат тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Солеҳов Ш.Ҳ.**, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессор **Элбоев В.Ҷ.,** котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент **Шоев А.А.** имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки: «Диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» ба шиносномаи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мувофиқат мекунад».

Фарҳангнигорӣ ва фарҳангшиносӣ яке аз қисматҳои бунёдии илми филологияи буда, онҳо махзани забонҳо ва сарчашмаи адабиёт маҳсуб меёбад. Махсусан, дар солҳои охир таҳқиқу нашри фарҳангҳои асримиёнагӣ ба рушди бардавоми ин самти муҳимми илм дар кишвари мо мусоидат кардааст. Рисолаи Султонзода Гулбаҳор дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»-ро низ метавон ба ин саф афзуд, ки таҳқиқу таъйини арзиши адабӣ, омӯзишу баррасии нусхаҳои хаттӣ, баъзе аз масоили матншиносӣ ва муайян намудани хусусиятҳои адабӣ, аз ҳадафҳои муҳимми диссертант ба шумор рафта, ба бисёр масъалаҳои фарҳангшиносӣ посух мегӯяд ва ин худ актуалӣ ва муҳим будани таҳқиқи мазкурро таъйид менамояд.

Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, нишон додани мубрамияти мавзуъ, навгонӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалии он, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, хулосаву натиҷагириҳои диссертант, дар умум саҳми шахсии ӯро равшан нишон медиҳанд. Ҳамчунин, омӯзиши таҳқиқоти назарии олимони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди назар, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди андешаҳои гуногун ва чопи мақолаву гузоришҳои илмӣ дар алоқамандӣ бо диссертатсияи омодашударо ҳам метавон саҳми шахсии унвонҷӯ ҳисоб кард.

Дар рисола бори аввал аз ҷониби диссертант масъалаҳои омӯзиши афкору андешаҳои тазкиранигорону муҳаққиқон роҷеъ ба аҳволу ашъори Сурурии Кошонӣ ва фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ, таҳлилу баррасии мазмун ва мундариҷаи ашъори бозмондаи Сурурӣ ва таъйини манзалати шоирии ӯ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, арзиши сарчашмавӣ доштани фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс», тавсифи зиёда аз 20 нусхаи хатии фарҳанг аз рӯйи фаҳориси нусхаҳои хаттии ҷаҳон ва муаррифии 4 нусхаи хаттӣ дар муқоиса бо нашри интиқодии фарҳанг, таснифи сарчашмаҳои фарҳанг ва мавриди истифодаи онҳо, вижагиҳои адабиву луғавии «Маҷмаъ-ул-фурс», таҳлилу баррасии афкори интиқодии Сурурӣ дар фарҳанг, шеваҳои гузиниши асноди шоҳид, тавзеҳи киноёту истиороти адабӣ, унсурҳои шарҳ ва шарҳи абёти шоҳид дар фарҳанг, нақши луғати куҳани форсӣ-тоҷикии «Маҷмаъ-ул-фурс» дар маърифат ва шарҳу тавзеҳи ашъори суханварони асрҳои X-XI ва нақду тасҳеҳ, интисоби ашъор ва баррасии баъзе масъалаҳои матншиносии осори адибони ин давра дар заминаи фарҳанги Сурурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант дар диссертатсия бо таҳлилу таснифи маводи фаровони илмию адабӣ ва абёти шоҳиди фарҳанг муҳокима ва хулосаҳои илмии худро бо асноду далоили муътамад ба субут мерасонад. Муҳаққиқ нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI-ро дар асоси фарҳангҳои муътабару нашрҳои интиқодии осори адибони классик дар меҳвари рисолаи худ қарор додааст, ки қобили таваҷҷуҳ ва шоистаи истиқбол мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи номзадии **Султонзода Гулбаҳор** дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023-ум, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, кори анҷомёфта мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси **10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** сазовор мебошад.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023-ум, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар асару мақолаҳо таълиф намудаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаву мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд:**

**[1-М]** Султонова Г.А «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва арзиши илмию адабии он [мақола] / Г.А.Султонова // Паёми донишкадаи забонҳо (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. –Душанбе: Нӯшобод, 2022, - №3 (47). – С.127-136.

**[2-М]** Султонова Г.А. Фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ва хусусиятҳои лексикографии он [мақола] / Г.А.Султонова // Паёми донишкадаи забонҳо (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. –Душанбе: Нӯшобод, 2022, - №4 4(48). –С.92-102.

**[3-М]** Султонова Г.А. «Фарҳанги Сурурӣ» дар масири фарҳангнигории тоҷик [мақола] / Г.А.Султонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ. – Душанбе: Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон, 2023, - №2. – С.207-213.

**[4-М]** Султонова Г.А. Масоили нақду тасҳеҳи мутуни осори адабӣ дар заминаи «Фарҳанги Сурурӣ» [мақола] / Г.А.Султонова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ. – Хуҷанд, 2023, - №3. – С.97-104.

**[5-М]** Султонова Г.А. Нақду тасҳеҳи осори қарни Х дар асоси «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола] / Г.А.Султонова // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2023, - 1/3 (113). – С.26-32.

**[6-М]** Султонова Г.А., Саидов С.Ғ. Нақду баррасии осори Рӯдакӣ дар заминаи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола] / Г.А.Султонова, С.Ғ.Саидов // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ. -Душанбе: Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон, 2024, - №2. – С.231-239.

**II.Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

**[7-М]** Султонова Г.А. «Маджмаъ-ул-фурс» Сурури Кошони как литературный источник. Рецензируемый научный журнал:Тенденции развития наука и образования. – Самара, Март 2023 (часть 2), - №95. – С.125-128.

**[8-М]**Султонова Г.А. Усулҳои шарҳу тафсир дар «Фарҳанги Сурурӣ» [мақола] / Г.А.Султонова // Паёми Суғд, март 2023, - №3. – С.87-92.

**[9-М]**Султонова Г.А. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ чун сарчашмаи адабӣ [мақола] / Г.А.Султонова // Материалы международной научно – практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» часть1. Гуманитарные науки. 28-29 апреля 2023 года. Душанбе.– С.271-277.

**[10-М]**Султонова Г.А. Аҳамияти сарчашмашиносии «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола] / Г.А.Султонова // Фаслномаи Камоли Хуҷандӣ, Хуҷанд: Маркази илмию таҳқиқотии Камоли Хуҷандӣ, 2023, №2(34). – С.5-12.

**[11-М]** Султонова Г.А. Нусхашиносии «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола] / Г.А.Султонова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- назариявии «Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ» (17-18-уми ноябри 2023). – Хуҷанд, 2023. – С.253-258.

[12-М] Султонова Г.А. Саҳми Пешвои миллат дар рушду таҳкими забони давлатӣ

[мақола] / Г.А.Султонова // Пешвои миллат ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Хуҷанд: Дабир, ноябри 2021. – С.226-229.

[13-М] Султонова Г. А. Маъникушоӣ ва тафсири осори Мавлоно дар «Фарҳанги «Маснавии маънавӣ» [мақола] / Г.А.Султонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ. – Бохтар, 2023. – С.194-198.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони зерин тақризҳо ба унвони Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Тақризи 1.** Тақризи аввал аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода **Давлатбеков Лоло Мирзоевич** навишта шудааст. Тақриз мусбат буда, муқарриз дар он се эроди зеринро қайд намудааст:

1. *Дар автореферати диссертатсия фасли дуюми боби дуюм «Аснодӣ шоҳид ва шеваҳои гузиниши он дар фарҳанг» хеле мухтасар баён гардидааст, ки моҳияти мавзуъро ба пуррагӣ равшан намесозад ва шарҳи бештарро мехоҳад (автореф.саҳ.15).*
2. *Номи боби якум "Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ – тоҷикӣ" ва боби сеюми рисола "Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар фарҳанги Сурурӣ" унвон дода шудааст. Номи ин ду бобро мухтасар баён кардан ба мақсад мувофиқ мешуд.*
3. *Масъалаи нақд, ки вобаста илми матншиносист, на дар боби дуюм, балки дар боби сеюми рисола, ки ба масоили матншиносӣ, нақду тасҳеҳ бахшида шудааст, ҷойгир карда шавад ба беҳбудии низоми кор хоҳад буд.*

**Тақризи** 2. Тақризи дигар аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мисбоҳиддин Нарзиқул** навишта шудааст, ки хулосаи тақриз мусбат буда, дар он се эрод қайд шудааст.

1. *Боби дуюми диссертатсия "Вежагиҳои фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс"-и*
2. *Сурурӣ" номгузорӣ шудааст, ки чандон мушаххас нест. Шояд манзур "вижагиҳои адабӣ" бошад, ки ҳиссаи дуюми ибора ҳазф шудааст?*
3. *Дар баёни маълумоти оморӣ вобаста ба ашъори шоир, нусхаҳои фарҳанг, абёти шоҳид ва миқдори шуаро ибораи "зиёда аз 200" (саҳ.11), "зиёда аз 50" (саҳ.13), "бештар аз 10 ҳазор" (саҳ.16), "зиёда аз 300 нафар" (саҳ.16) истифода шудааст, ки шумораҳои тахминиро ифода мекунад ва минбаъд дақиқкорӣ ва дақиқгӯии маълумоти оморӣ дар таҳқиқот боиси афзудани арзиши кори илмӣ хоҳад гашт.*
4. *Дар баъзе саҳифаҳои автореферат хатоҳои техникӣ, аз ҷумла якҷоя навишта шудани ду калима ба назар мерасад. Масалан, "Волаи Доғистонӣ" (саҳ.4), "ки Зиндагинома" (саҳ.11). Дар чопи варианти охирони автореферат ислоҳи хатоҳои техникии мазкур боиси афзудани ҳусни кор хоҳад буд.*

**Тақризи 3.** Тақриз аз тарафи доктори илмҳои филологӣ, директори Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Индира Ганди **Шодимуҳаммад Сӯфизода** навишта шуда, хулосаи тақриз мусбат мебошад ва дар он ду эрод қайд шудааст:

*Баробари муҳассаноти зиёди рисола, дар автореферат якчанд нуқсонҳои ҷузъӣ ҳам ба чашм расиданд, ки инҳо хатогиҳои техникӣ ва услубӣ, аз қабили якҷоя шуда мондани ду-се калима дар ҳошияи автореферат ва пайиҳам истифода намудани пайвандаки "ва" дар як ҷумла, ки муродифоти онро ҳам гоҳо ба кор бурдан мумкин буд.*

**Тақризи 4.** Тақриз ба унвони Шуро аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Фарғонаи Ҷумҳурии Узбекистон **Ҷӯраев Ҳабибулло** ворид шудааст, хулосаи тақриз мусбат мебошад ва дар он ду эрод қайд шудааст:

*Аммо дар рисола чанд камбудие низ ба назар расид, масалан дар матни рисола ва феҳрасти адабиёт нодуруст гузоштани аломатҳои китобатӣ ва ғалатҳои техникӣ, дар матни рисола пайи ҳам овардани чанд иқтибос ва хулосабарорӣ накардани муаллифи рисола аз он иқтибосҳо.*

Дар маҷмуъ, муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсия Султонзода Гулбаҳорро барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиёт–шиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) арзанда донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ** омӯзиши фарҳангнигорӣ дар асрҳои XVI-XVII ва мақоми Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир муайян карда шуда, вижагиҳои ашъори бозмондаи ӯ таҳлилу баррасӣ гардидааст; ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс» дар фарҳангнигорӣ ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ муқаррар карда шудааст; маъхазҳои фарҳанг тасниф карда шуда, хусусиятҳои истинод бар онҳо таъйин гардидааст; нусхаҳои хаттии фарҳанг мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст; хусусиятҳои адабии фарҳанг ва бартариҳои он аз луғатномаҳои дигар муайян карда шудааст; роҳу усулҳои сабти асноди шоҳид ва гузиниши он дар фарҳанг нишон дода шудааст; аносири шарҳу накд дар фарҳанг дарёфт карда шудааст; 50 байт аз осори адибони асрҳои X-XI дар асоси маводи фарҳанг накду тасҳеҳ карда шудааст; илова бар ин муҳаққиқ дар таҳқиқот ба бозёфти абёти тоза ва интисоби матни асрҳои мазкур муяссар гардидааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** натиҷаҳои он дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, накду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, накду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат намуда, дар бораи шарҳу тафсири маҳорати суханварии Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир накши муассир мегузорад.

Маводи диссертатсияро дар тадриси фанҳои назарияи адабиёт, накди адабӣ, таърихи адабиёти тоҷик, фанни интихобӣ, сарчашмашиносӣ, фарҳангшиносӣ, курсҳои ихтисос барои донишҷӯёну магистрантҳои риштаҳои филологӣ, шарқшиносӣ ва таърих истифода бурдан мумкин аст.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии асосҳои назариявии диссертатсия ба дастовардҳои донишмандони хориҷиву ватанӣ, аз қабили С.И. Баевский, Л.С.Пейсиков, Е.Бертелс, Э.Браун, И.Брагинский, М. Муин, А. Деҳхудо, Аҳмад Гулчини Маонӣ, М.Дабирсиёқӣ, Ш. Нақавӣ, В.А. Капранов, С.Айнӣ, А.Сангинов, Ҳ. Аҳадов, Ҳ.Рауфов, А.Нуров, А.Отахонова, А.Воҳидов, А.Насриддинов, Д.Баҳриддинов, А.Ҳасанзода, М.Мирзоюнус, М.Сатторова, Н.Ғиёсов, Н.Нуров, С.Саидов, Ш.Рустамов ва дигарон такя шудааст.

Дар диссертатсия аз методҳои маъмулу санҷидашудаи адабиётшиносӣ, аз қабили таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, сохториву бадеӣ, принсипҳои шарҳу тафсирнигорӣ ва таҳлилӣ-оморӣ истифода гардида, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони мазкур такя карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки онҳо зимни дар таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ва барои таҳияи китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ аз рӯи фанҳои назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, луғатшиносӣ, матншиносӣ ва накду сухансанҷӣ, барои таҳияи девон ва ё ашъори мунтахаби суханварони асрҳои X-XI, барои танзими фарҳангҳо, шуруҳи осори адабӣ, таҳияи фарҳангҳои муаллифӣ, ҷиҳати омӯзиши равишҳои тасҳеҳи мутуни адабӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин, хулосаву натиҷаҳои таҳқиқи муаллифи диссертатсия метавонанд дар пажуҳиш ва таълифи рисолаҳои илмӣ перомуни масъалаҳои назарияи адабиёту адабиётшиносӣ ва накди адабӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бозгӯи онанд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ ва дақиқияти маълумот, аз мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ ба миён омада, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

Саҳми фардии муҳаққиқ дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал арзиши адабӣ, масъалаҳои матншиносӣ ва шарҳнигории фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии

Кошонӣ аз ҳайси илмӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, Сурурии Кошонӣ натанҳо фарҳангнигор, балки шоири бомаҳорати асри XVII муаррифӣ гардида, ашъори бозмондаи ӯ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори аввал ба таври маҷмуӣ масъалаи мавқеи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошониро дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар шакли диссертатсия таҳқиқ ва ҷамъбаст намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас ба миён гузоштааст.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 27-уми ноябри соли 2024-ум дар бораи сазовор донистани Султонзода Гулбаҳор Абдувайит ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шуро (асос: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.07.2024, №197шд) иштирок доштанд 15 нафар, аз ҷумла 14 нафар доктори илм (аз ҷумла 1 нафар тариқи онлайнӣ), 1 нафар номзади илм – котиби илмии Шуро ва аз шумори 14 нафар доктори илм 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) чунин натиҷагирӣ шуд:

| | |
|---|---|
| **тарафдори додани дараҷаи илмӣ** | **15 нафар,** |
| **муқобили додани дараҷаи илмӣ** | **нест,** |
| **бюллетенҳои беэътибор** | **нест.** |

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 27-уми ноябри соли 2024-ум ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти № 267 тасдиқ шудааст (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023-ум, №295), комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Мирзоюнус Матлуба**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Ашрапов Б.П.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

27.11.2024